**ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**«ДАР БОРАИ ТАНЗИМИ АСЪОР ВА НАЗОРАТИ АСЪОР»**

Ин Қонун принсипҳои бароҳмонии- муомилоти асъорро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳо ва вазифаҳои мақомоти давлатиро дар танзими асъор ва назорати асъор, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро дар умури соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории сарватҳои асъорӣ, анҷом додани назорати асъор ва ҷавобгарӣ барои вайронкунии қонуни асъор муайян мекунад.

## ФАСЛИ I. ҚОИДАҲОИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Мафҳумҳое, ки дар ин Қонун истифода мешаванд, маъниҳои зайл доранд:

1. "Асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон":

а) асъоре, ки дар шакли билетҳои бонкии (пули коғазии) Бонки миллии Тоҷикистон ва тангаҳо дар муомилот қарор дорад; (Қонун №622 аз 22.05.98 с.)

б) маблағҳо бо сомонӣ, ки дар ҳисобҳо ва пасандозҳо дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он мавҷуданд. (Қонун №43 аз 10 .05.02 с.)

2. "Коғазҳои қиматнок бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон" - ҳуҷҷатҳои пардохтӣ (чекҳо, векселҳо, аккредитивҳо, супоришот ва ғайра), сарватҳои фондӣ (саҳмияҳо, вомбаргҳо) ва дигар ӯҳдадориҳои қарзӣ, ки бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтаанд.

3. "Асъори хориҷӣ ":

а) аломатҳои пулӣ дар шакли билетҳои бонк, пули коғазӣ ва тангаҳо, ки дар муомилот қарор доранд ва воситаҳои қонунии пардохт дар давлати дахлдор мебошанд, инчунин аломатҳои пулӣ, ки аз муомилот гирифта шудаанд ё гирифта мешаванду вале қобили ивазкунӣ ҳастанд;

б) маблағҳое, ки дар ҳисобҳо дар шакли воҳидҳои пулии давлатҳои хориҷӣ ва воҳидҳои пулии байналхалқӣ ё воҳидҳои ҳисобу китоб қарор доранд.

4. "Сарватҳои асъорӣ"

а) асъори хориҷӣ;

б) коғазҳои қиматнок дар шакли асъори хориҷӣ - ҳуҷҷатҳои пардохт (чекҳо, векселҳо, аккредитивҳо ва ғайра), сарватҳои фондӣ (саҳмияҳо, вомбаргҳо) ва дигар ӯҳдадориҳои қарзӣ, ки дар шакли асъори хориҷӣ ифода ёфтаанд;

в) фулузоти қиматбаҳо - тилло, нуқра, платина ва фулузоти гурӯҳи платина (палладий, иридий, родий, рутений ва осмий) дар ҳар шакл ва ҳолате, ки бошад ба истиснои маснуоти заргарӣ ва дигар маснуоти маишӣ, инчунин шикастаи чунин маснуот;

г) сангҳои қиматбаҳои табиӣ - алмос, ёқут, зумуррад, ёқути кабуд ва александрит дар шакли хом ва коркарда, инчунин марворид, ба истиснои маснуоти заргарӣ ва дигар маснуоти маишӣ аз ин гуна сангҳо ва шикастаи чунин маснуот.

Тартиби ба маснуоти заргарӣ ва дигар маснуоти маишӣ ва шикастаи чунин маснуот нисбат додани маснуоте, ки аз фулузоти қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ сохта шудаанд, аз тарафиҲукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

5. "Резидентҳо":

а) шахсони воқеие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доимӣ доранд, аз ҷумла онҳое, ки муваққатан дар хориҷ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд;

б) шахсони ҳуқуқие, ки мувофиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис шуда, қароргоҳашон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст;

в) корхона ва ташкилотҳое, ки шахсони ҳуқуқӣ намебошанду вале мувофиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис шуда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардидаанд;

г) намояндагиҳои дипломатӣ, тиҷоратӣ ва дигар намояндагиҳои расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардидаанд;

д) филиалҳо ва намояндагиҳои резидентҳои дар зербандҳои "б" ва "в" - и ин банд зикршуда, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

6. "Ғайрирезидентҳо":

а) шахсони воқеие, ки ҷои истиқомати доимиашон берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ мебошад, аз ҷумла онҳое, ки муваққатан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд;

б) шахсони ҳуқуқие, ки мувофиқи қонуни давлатҳои хориҷӣ таъсис ёфтаанд ва қароргоҳашон берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад;

в) корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки шахсони ҳуқуқӣ набуда, мувофиқи қонуни давлатҳои хориҷӣ таъсис гардида, қароргоҳашон берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ мебошад;

г) намояндагиҳои дипломатӣ, тиҷоратӣ ва дигар намояндагиҳои расмии хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеанд, инчунин ташкилотҳои байналхалқӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои онҳо;

д) филиалҳо ва намояндагиҳои ғайрирезидентҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар зербандҳои "б" ва "в" - и ин банд зикр шудаанд.

7. "Амалиёти асъорӣ";

а) Амалиёт бо асъори хориҷӣ:

- иҷрои амалиёт, ки объекти онҳо асъори хориҷӣ ё талабот ба асъори хориҷӣ мебошад;
- истифодаи асъори хориҷӣ ба сифати воситаи пардохт;
- ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва ирсол кардан ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир ва ирсол намудани асъори хориҷӣ.

б) Амалиёти бо коғазҳои қиматнок бо асъори хориҷӣ:

- додани ҳуқуқ ба асъори хориҷие, ки бо коғази қиматнок бо асъори хориҷӣ тасдиқ ёфтааст, аз ҷумла ба соҳиби нахустин;
- барои нигаҳдорӣ, супоридан ё қабул намудани коғази қиматнок бо асъори хориҷӣ;
- супоридан ё қабул намудани коғази қиматнок бо асъори хориҷӣ ба идораи эътимоднок;
- бозпардохти коғази қиматнок бо асъори хориҷӣ;
- додани ҳуқуқ ба коғазҳои қиматнок бо асъори хориҷӣ, бо роҳи анҷом додани амалиёт бо коғазҳои қиматноки маҳсулӣ ва воситаҳои молиявӣ ( фючерсҳо, опсионҳо ва ғайра);
- ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва ирсол кардан ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир ва ирсол намудани коғази қиматнок бо асъори хориҷӣ;
- амалиёти дигар бо коғазҳои қиматнок бо асъори хориҷӣ.

в) Амалиёт бо фулузоти қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, коғазҳои қиматнок, ки арзишашон ба фулузоту сангҳои қиматбаҳо ифода ёфтаанд ё бо фулузоту сангҳои қиматбаҳо таъмин шудаанд:

- амалиёте, ки ба гузариши ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои дигар ба фулузоту сангҳои қиматбаҳо ё коғазҳои қиматнок, ки арзишашон бо фулузоту сангҳои қиматбаҳо ифода ёфтаанд ё бо фулузоту сангҳои қиматбаҳо таъмин шудаанд, вобастаанд;
- ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва ирсол кардан, ҳамчунин аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир ва ирсол кардани фулузоту сангҳои қиматбаҳо, коғазҳои қиматнок, ки арзишашон бо фулузоту сангҳои қиматбаҳо ифода ёфтаанд ё бо фулузоту сангҳои қиматбаҳо таъмин шудаанд;
- амалиёти дигар бо фулузоту сангҳои қиматбаҳо, коғазҳои қиматнок, ки арзишашон бо фулузоту сангҳои қиматбаҳо ифода ёфтаанд, ё бо фулузоту сангҳои қиматбаҳо таъмин шудаанд. (Қонун №826 аз 3.09.99 с.)

8. Амалиёти асъор ба амалиёти ҷории асъор ва амалиёти асъорӣ вобаста ба ҳаракати сармоя тақсим мешаванд; (Қонун №826 аз 3.09.99 с.)

9. Амалиёти ҷории асъори:

а) интиқол ва пардохт бо асъори хориҷи ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳисоббаробаркуниҳои содирот ва воридоти мол, кор ва хизматрасони (аз ҷумла, дар соҳаҳои туризм, тиб ва маориф), инчунин барои ҳисоббаробаркуниҳои ба кори механизмҳои кӯтоҳмуддати бонки ва қарзи вобаста буда;

б) интиқол ва пардохти фоизҳо, суди саҳмия (дивидент) ва даромадҳои дигар аз рӯи пасандозҳо, маблағгузориҳо, кредитҳо ва амалиёти дигар, ки бо ҳаракати сармоя вобаста аст, аз ҷумла пардохти маблағҳои маҳдуд ба ҳисоби бозпардохти қарзҳо ё ба ҳисоби истеҳлоки сармоягузориҳои мустақим ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) интиқол ва пардохтҳои дорои хусусияти ғайритиҷорати ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла интиқол ва пардохти музди меҳнат, нафақа, алимент, мерос, маблағҳои маҳдуд барои хароҷоти ҷории оилаҳо, инчунин дигар амалиёти ба ин монанд. (Қонун №64 аз 9.12.04 с.)

10. Ҳамаи дигар амалиёти асъор, ки ба амалиёти ҷории асъор дохил нестанд, амалиёти асъорӣ вобаста ба ҳаракати сармоя мебошанд (Қонун №826 аз 3.09.99 с.).

11. «Бозори дохилии асъор» - бозорест, ки аз бонкҳои ваколатдор ва дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкии ваколатдор, нуқтаҳои мубодилаи асъори ва биржаҳои асъор иборат аст. (Қонун №43 аз 10 .05.02 с., Қонун №64 аз 9.12.04 с.)

12. Бонкҳои ваколатдор ва ташкилотҳои кредитии ваколатдори дигар - "бонкҳо ва ташкилотҳои кредитии дигар, ки амалиёт бо асъори хориҷиро дар асоси иҷозатнома анҷом медиҳанд".(Қонун №826 аз 3.09.99с., Қонун №314 аз 30.07.07 с.)

13. Нуқтаҳои мубодила (ё бюро) муассисаҳои мубодилавии бонкҳои ваколатдор, дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкии ваколатдор ва шахсони воқеи мебошанд, ки дар онҳо бевосита амалиёти мубодилави бо асъори нақдинаи хориҷи гузаронида мешаванд. Тартиби кушодани нуқтаҳои мубодила (ё бюро) бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муайян карда мешаванд. (Қонун №64 аз 9 12.04 с.)

14. "СПОТ - қурби ивазкунӣ" - қурби ивазкунии пул мебошад, ки аз рӯи он асъори хориҷӣ аз тарафи бонки ваколатдор барои фавран ё дар давоми ду рӯзи харидан фурӯхта мешавад, ҳамчунин ҳисоббаробаркуние, ки бо роҳи пардохти фаврӣ дар давоми ҳамин мӯҳлат бо пули нақд ё дигар воситаҳо сурат мегирад.

## ФАСЛИ II. ТАНЗИМИ АСЪОР

**Моддаи 2. Ҳифзи асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ҳисобу китоби байни резидентҳо ба асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон бе маҳдуд сурат мегирад.

2. Тартиби гирифтану истифода бурдани асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ғайрирезидентҳо тавассути Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. (Қонун №622 аз 22.05.98с.)

3. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардан ва фиристодани асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коғазҳои қиматноке, ки ба асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтаанд, инчунин овардан ва фиристодани асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи резидентҳо ва ғайрирезидентҳо бо тартибе, ки Бонки миллии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, сурат мегирад. (Қонун №622 аз 22.05.98 с., Қонун №64 аз 9.12.04 с.)

4. Аҳдҳое, ки хилофи талаботи Қонуни мазкур баста шудаанд, беэътибор мебошанд. Шахсоне, ки чунин аҳдҳоро мебанданд, тибқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. (Қонун №43 аз 10 .05.02 с.)

**Моддаи 3. Ҳуқуқи моликият ба сарватҳои асъорӣ**

1. Сарватҳои асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам моликияти резидентҳо ва ҳам моликияти ғайрирезидентҳо буда метавонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи моликият ба сарватҳои асъорӣ дар баробари ҳуқуқи моликият ба дигар объектҳои моликият аз тарафи давлат ҳимоя карда мешавад.

Сарсатри сеюми банди 1 моддаи 3 хориҷ карда шуд. (Қонун №43 аз 10 .05.02 с.)

2. Тартиби муомилот бо фулузоти қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ, инчунин марворид аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 4. Бозори дохилии асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Резидентҳо ҳуқуқ доранд ба тартибе, ки Бонки миллии Тоҷикистон муайян намудааст, дар бозори дохилии асъор бе маҳдудият асъори нақд ё ғайринақдии хориҷиро бихаранд ва бифурӯшанд. (Қонун №826 аз 3.09.99 с.)

2. Хариду фурӯши асъори хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи бонкҳои ваколатдор ва дигар ташкилотҳои кредитии ваколатдор ва нуқтаҳои мубодилаи, ҳамчунин ба воситаи биржаҳои асъор, ки ба тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, амалӣ карда мешавад. (Қонун №43 аз 10 .05.02 с. Қонун №64 аз 9.12.04 с.)

Банди сеюм хориҷ карда шуд. (Қонун №43 аз 10.05.02 с.)

3. Бонки миллии Тоҷикистон ба мақсади танзими бозори дохилии асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои мавқеъҳои кушодани бонкҳои ваколатдор ва дигар ташкилотҳои кредитии дигарро муқаррар менамояд ва амалиётҳои хариду фурӯши асъори хориҷиро мегузаронад. (Қонун №622 аз 22.05.98 с.)

**Моддаи 5. Ҳисобҳои резидентҳо бо асъори хориҷӣ**

1.Резидентҳо метавонанд дар бонкҳои ваколатдор ба асъори хориҷӣ ҳисобҳо дошта бошанд.

Асъори хориҷие, ки корхонаҳо (ташкилотҳо) - резидентҳо ба даст меоваранд, ҳатман ба ҳисоби онҳо дар бонкҳои ваколатдор гузаронида мешавад, ба шарте, ки Бонки миллӣ таври дигар муқаррар накарда бошад.

2. Резидентҳо вазифадоранд, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон амонату ҳисобҳоеро, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода мешаванд, қайд кунонанд. (Қонун №622 аз 22.05.98 с.)

3. Тартиби аз тарафи бонки ваколатдор ба асъори хориҷӣ кушодан ва нигоҳ доштани ҳисобҳои резидентҳоро Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар мекунад. (Қонун №622 аз 22.05.98 с.)

**Моддаи 6. Муомилоти асъори резидентҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Муомилоти ҷории асъор ва ҳамаи пардохтҳои вобаста ба онҳо аз тарафи резидентҳо бе маҳдудият амалӣ карда мешаванд.

2. Муомилоти асъорӣ вобаста ба ҳаракати сармоя аз тарафи резидентҳо ба тартиби муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

3. Резидентҳо дар ҳолати риояи қоидаҳои гумрукӣ ҳуқуқ доранд бе маҳдудият сарватҳои асъориро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол, ворид ва ирсол намоянд.

4. Тартиби ташкили захираҳои давлатии асъорироҲукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

5. Шахсони воқей-резидентҳо дар ҳолати риояи қоидаҳои гумрукӣ ҳуқуқ доранд дар ҳудуде, ки дар эъломия ё санади дигари тасдиқкунандаи интиқол, ворид ё ирсоли сарватҳои асъор ба Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, сарватҳои асъори қаблан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол, ворид ё ирсол шударо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол, содир ё ирсол намоянд.

6. Тартиби аз тарафи резидентҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир ва ирсол намудани сарватҳои асъорро ба истиснои ҳолатҳое, ки дар банди 5 ҳамин модда нишон дода шудаанд Бонки миллии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. (Қонун №826 аз 3.09.99 с., Қонун №64 аз 9.12.04 с.)

**Моддаи 7. Ҳисобҳои ғайрирезидентҳо ба асъори хориҷӣ ва асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ғайрирезидентҳо метавонанд ба асъори хориҷӣ ва асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бонкҳои ваколатдор ҳисоб дошта бошанд.

2. Тартиби аз тарафи бонкҳои ваколатдор ба асъори хориҷӣ ва асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон кушодан ва нигоҳ доштани ҳисобҳоро Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар мекунад. (Қонун №622 аз 22.05.98 с.)

**Моддаи 8. Муомилоти асъории ғайрирезидентҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Муомилоти ҷории асъор ва ҳамаи пардохтҳои вобаста ба онҳо аз тарафи ғайрирезидентҳо бе маҳдудият амалӣ карда мешаванд.

2. Муомилоти асъорӣ вобаста ба ҳаракати сармоя аз тарафи ғайрирезидентҳо ба тартибе амалӣ карда мешаванд, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо мувофиқатиҲукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

3. Ғайрирезидентҳо ҳуқуқ доранд ба тартиби муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон дар бозори дохилии асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон бе маҳдудият асъори хориҷӣ бифурӯшанд ва бихаранд.

4. Ғайрирезидентҳо дар ҳолати риоя намудани қоидаҳои гумрукӣ ҳуқуқ доранд сарватҳои асъориро бемамониат аз Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол, содир ва ирсол намоянд, агар ин сарватҳои асъорӣ қаблан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол, ворид ё ирсол шуда бошанд ё дар асоси дар банди 3 ҳамин модда нишондодашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон харидорӣ шуда бошанд ва дар дигар ҳолатҳо мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

5. Тартиби аз тарафи гайрирезидентҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол, содир ва ирсол намудани сарватҳои асъориро, ба истисноии ҳолатҳое, ки дар банди 4 ҳамин модда нишон дода шудааст Бонки миллии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. (Қонун №826 аз 3.09.99 с., Қонун №64 аз 9.12.04 с.)

**Моддаи 9. Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзимкунандаи асъор** (Қонун №622 аз 22.05.98 с.)

1. Бонки миллии Тоҷикистон мақоми асосии танзимкунандаи асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. (Қонун №622 аз 22.05.98 с.)

2. Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ин Қонун корҳои зайлро анҷом медиҳад: (Қонун №622 аз 22.05.98 с.)

а) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳа ва тартиби муомилаи асъори хориҷӣ ва қоғазҳои қиматнокро ба асъори хориҷӣ муайян мекунад;

б) санадҳои меъёрие мебарорад, ки иҷрояшон аз тарафи резидентҳо ва ғайрирезидентҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад;

в) ҳама гуна муомилоти асъорро анҷом медиҳад; (Қонун №622 аз 22.05.98 с.)

г) қоидаҳои аз тарафи резидентҳо ва ғайрирезидентҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додани амалиёти асъори хориҷӣ ва коғазҳои қиматнокро ба асъори хориҷӣ, инчунин қоидаҳои аз тарафи ғайрирезидентҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додани амалиёти асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коғазҳои қиматнокро ба асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад;

д) тартиби ҳатман аз Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додан, ворид намудан ва фиристодани асъори хориҷӣ ва коғазҳои қиматнокро ба асъори хориҷӣ, ки ба резидентҳо тааллуқ дорад, инчунин ҳолатҳо ва шартҳои ба асъори хориҷӣ аз тарафи резидентҳо дар бонкҳои берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон кушодани ҳисобҳоро муқаррар мекунад;

е) тартиби махсуси иҷозатномадиҳии фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷиро муайян менамояд; (Қонун №314 аз 30.07.07 с.)

ж) шаклҳои ягонаи ҳисобу китоб, ҳуҷҷатҳо ва омори амалиёти асъориро, аз ҷумла аз тарафи бонкҳои ваколатдор, инчунин тартиб ва мӯҳлати пешниҳод кардани онҳоро муқаррар мекунад;

з) омори амалиёти асъорӣ ва баланси пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯи стандартҳои қабулгардидаи байнибонкӣ таҳия ва нашр мекунад;

и) қурби расмии асъори хориҷиро нисбати асъори миллӣ ба мақсадҳои баҳисобгирӣ ва пардохтҳои гумрукӣ дар асоси СПОТ - қурби ивазкунии бозорӣ ва дигар қурбҳои бозорӣ муайян ва эълон менамояд;

к) вазифаҳои дигареро, ки дар ин Қонун пешбинӣ гардидаанд, иҷро менамояд.

## ФАСЛИ III. НАЗОРАТИ АСЪОР

**Моддаи 10. Мақсад ва самти назорати асъор**

1. Мақсади назорати асъор таъмини риояи қонунгузории асъор, гумрук ва андоз ҳангоми аз тарафи резидент ва ғайрирезидентҳо анҷом додани амалиёти асъорӣ мебошад. (Қонун №826 аз 3.09.99с.)

2. Самтҳои асосии назорати асъор аз инҳо иборат аст:

а) муайян кардан мувофиқати амалиёти асъорӣ бо Қонуни мавҷуда ва мавҷудияти иҷозатномаи зарурӣ барои он;

б) санҷиш ва таъмини аз тарафи резидентҳо иҷро гаштани ӯҳдадориҳо доир ба пурра баргардонидани маблағҳои асъории содиротӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; (Қонун №826 аз 3.09.99с.)

в) тафтиши асоснокии пардохтҳо бо асъори хориҷӣ;

г) тафтиши пуррагӣ ва объективӣ будани ҳисобу китоб оид ба амалиёти асъорӣ, инчунин оид ба амалиёти ғайрирезидентҳо ба асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон;

д) санҷиши иҷрои шартҳои литсензия, ки ба бонкҳои ваколатдор ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкии ваколатдори дигар ва иҷозатнома, ки ба шахсони ҳуқуқию воқеӣ барои анҷом додани амалиёт бо асъори хориҷӣ дода шудаанд. (Қонун №826 аз 3 .09.99 с.)

**Моддаи 11. Мақомот ва намояндаҳои назорати асъор**

1. Назорати асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти назорати асъор ва намояндаҳои онҳо ба тартибе, ки ҳамин Қонун ва қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, амалӣ карда мешавад. (Қонун №826 аз 3 .09.99с.)

2. Мақомоти назорати асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

доираи ваколатҳои худ мебошанд. (Қонун №498 аз 12.12.97 с., Қонун №622 аз 22.05.98 с. Қонун №64 аз 9.12.04 с.)

3. Намояндаҳои назорати асъор, бонкҳои ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Намояндаҳои назорати асъор ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоботдиҳандаанд. (Қонун №622 аз 22.05.98 с.)

**Моддаи 12. Ваколатҳои мақомот ва намояндаҳои назорати асъор**

1. Мақомоти назорати асъор дар ҳудуди салоҳиятҳои худ санадҳои меъёрӣ мебароранд, ки иҷрои онҳо аз тарафи ҳамаи резидентҳо ва ғайрирезидентҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад.

2. Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти назорати асъор дар ҳудуди салоҳияти худ, ки Қонуни мазкур ва қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, корҳои зайлро анҷом медиҳад: (Қонун №826 аз 3.09.99 с.)

а) аз тарафи бонкҳои ваколатдор ва дигар ташкилотҳои кредитии ваколатдори дигар анҷом додани амалиёти бонкӣ ва амалиёти дигар бо сарватҳои асъор, ба мутобиқати ин амалиёт ба қонунгузории асъор ва риояи санадҳои меъёрии мақомоти танзим ва назорати асъор, назорати асъорро ҷорӣ менамояд; (Қонун №826 аз 3.09.99 с. Қонун №314 аз 30.07.07с.)

б) аз тарафи шахсони ҳуқуқию воқеӣ анҷом додани амалиёт бо асъори хориҷӣ мувофиқи иҷозатномаҳо ба ҳуқуқи гузаронидани ин гуна амалиёт, ба мутобиқаи ин амалиёт ба қонунгузории асъор, шартҳои иҷозатнома ва риояи санадҳои меъёрии мақомоти танзим ва назорати асъор, назорати асъорро ҷорӣ менамояд; (Қонун №826 аз 3.09.99с.)

в) аз тарафи бонкҳои ваколатдор иҷро шудани функсияҳои намояндаҳои назорати асъорро назорат менамояд. (Қонун №826 аз 3.09.99с.)

3. Бонкҳои ваколатдор, ҳамчун намояндаҳои назорати асъор аз болои амалиёти бонкӣ ва амалиёти дигар бо сарватҳои асъорӣ, ки аз тарафи мизоҷони бонк- резидент ва ғайрирезидентҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд, ба мутобиқаи ин амалиёт ба қонунгузории асъор, санадҳои меъёрии мақомоти танзими асъор ва назорати асъор, шартҳои иҷозатномаҳо бевосита назорати асъор ҷорӣ менамоянд. (Қонун №826 аз 3.09.99 с.)

4. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди салоҳияти худ, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, аз болои аз тарафи резидентҳо ва ғайрирезидентҳо гузаронида шудани амалиёти асъор назорати асъор ҷорӣ менамоянд, ба истиснои назорати асъор, ба амалиёте, ки дар зербанди " а)" банди 2 ҳамин модда нишон дода шудаанд. (Қонун №826 аз 3.09.99 с. Қонун №64 аз 9.12.04 с.)

5. Мақомоти назорати асъор тартиб ва шакли ҳисобу китоб ва ҳуҷҷатҳои оид ба амалиёти асъории резидентҳо ва ғайрирезидентҳоро муайян мекунанд. (Қонун №826 аз 3.09.99 с.)

**Моддаи 13. Ҳуқуқ ва вазифаҳои резидентҳо ва ғайрирезидентҳо**

1. Резидентҳо ва ғайрирезидентҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиёти асъорӣ доранд, инчунин ғайрирезидентҳо, ки асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коғазҳои қиматнокро ба асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон муомила мекунанд, ҳуқуқ доранд:

а) бо актҳои тафтишоте, ки аз тарафи мақомот ва намояндаҳои назорати асъор гузаронида шудаанд, шинос шаванд;

б) нисбати амали намояндаҳои назорати асъор ба мақомоти дахлдори назорати асъор, инчунин аз амали мақомоти назорати асъор ба тартибе, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, шикоят кунанд;

в) ба дигар ҳуқуқҳое, ки бо Қонун ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд.

2. Резидентҳо ва ғайрирезидентҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиёти асъорӣ мекунанд, инчунин ғайрирезидентҳое, ки бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коғазҳои қиматнок ба шакли асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиёт мекунанд, вазифадоранд:

а) бо мақомот ва намояндаҳои назорати асъор ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дархостшавандаро оид ба амалиёти асъор пешниҳод кунанд;

б) ба мақомот ва намояндаҳои назорати асъор дар бораи рафти тафтишоте, ки мебаранд, инчунин аз рӯи натиҷаҳои онҳо баёнот диҳанд;

в) дар сурати ба фактҳои акти тафтиши аз тарафи мақомот ва намояндаҳои назорати асъор гузаронидашуда розӣ набудан, дар бораи сабаби имзо накардани чунин акт тавзеҳоти хаттӣ пешниҳод намоянд;

г) оид ба амалиёти асъор ҳисобу китоб баранд ва ҳифзи онҳоро камаш панҷ сол таъмин намоянд;

д) талаботи (дастури) мақомоти назорати асъорро барои бартараф намудани камбудиҳо иҷро кунанд;

е) вазифаҳои дигареро, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, иҷро намоянд.

**Моддаи 14. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни асъор**

1. Резидентҳо, ба шумули бонкҳои ваколатдор ва ғайрирезидентҳое, ки нуктаҳои моддаҳои 2 - 8 ин Қонунро вайрон кардаанд, ба чунин ҷавобгарӣ кашида мешаванд;

а) ба ҳисоби давлат ситонидани тамоми даромад аз муомилоте, ки ин Қонун ғайриқонунӣ ҳисоб мекунад;

б) ба фоидаи давлат ситонидани он маблағе, ки беасос, на аз рӯи муомила, балки дар натиҷаи амали ғайриқонунӣ ба даст оварда шудааст.

2. Резидентҳо, ба шумули бонкҳои ваколатдор ва ғайрирезидентҳо барои надоштани ҳисобу китоби амалиёти асъор, бурдани ҳисобу амалиёти асъор хилофи тартиби муқарраршуда, пешниҳод накардан ё дар вақташ пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо ва ахборот ба мақомот ва намояндаҳои назорати асъор мувофиқи банди 2 моддаи 13 ин Қонун дар ҳудуди маблағе, ки ба ҳисоб гирифта нашудааст; бояду шояд ба ҳисоб гирифта нашудааст ё оид ба он ҳуҷҷат ва маълумот ба тартиби муқарраршуда пешниҳод карда нашудааст, мавриди ҷарима қарор дода мешаванд. Тартиби ба ҷавобгарӣ кашидан, дар ҳолатҳое, ки дар ин банд пешбинӣ шудааст, аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон якҷоя бо дигар мақомоти назорати асъор мувофиқи қонун муқаррар карда мешаванд. (Қонун №498 аз 12.12.97 с., Қонун №622 аз 22.05.98 с.)

3. Дар сурати такроран вайрон кардани қоидаҳои дар ин модда зикршуда, инчунин барои иҷро накардан ё бояду шояд ичро накардани дастурҳои мақомоти назорати асъор резидентҳо, ба шумули бонкҳои ваколатдор ва ғайрирезидентҳо ба чунин ҷавобгарӣ кашида мешаванд:

а) ба фоидаи давлат ситонидани маблағе, ки дар банди 1 - уми ин модда зикр шудааст, инчунин ҷаримаҳо дар ҳудуди андозаи панҷкаратаи ин маблағ, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон бо пешниҳоди дигар мақомоти назорати асъор ва мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад; (Қонун №498 аз 12.12.97 с.,Қонун №622 аз 22.05.98 с.)

б) боздоштани амал ё маҳрум кардани резидентҳо, ба шумули бонкҳои ваколатдор, ё ғайрирезидентҳо ва иҷозатномаҳое, ки мақомоти назорати асъор додаанд;

в) татбиқи ҷаримаҳое, ки қонун муқаррар кардааст.

4. Ситонидани маблағи ҷаримаи дар ин модда зикршуда ва ҷаримаҳои дигар аз тарафи мақомоти назорати асъор, аз ҷумла бо пешниҳоди агентҳои назорати асъор бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. (Қонун №64 аз 9.12.04 с.)

5. Шахсони мансабдори шахсони ҳуқуқӣ - резидентҳо, аз ҷумла бонкҳои ваколатдор ва шахсони ҳуқуқӣ - ғайрирезидентҳо, инчунин шахсони воқеӣ, ки ба вайрон кардани қонуни асъор айбдоранд, мувофиқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноӣ, маъмурӣ ва шаҳрвандию ҳуқуқӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 15. Ҳуқуқу вазифаҳои шахсони мансабдор, мақомот ва намояндаҳои назорати асъор, масъулияти онҳо** (Қонун №826 аз 3.09.99 с.)

1.Шахсони мансабдори мақомот ва намояндаҳои назорати асъор дар ҳудуди салоҳияте, ки ин мақомот доранд, ҳуқуқ доранд, ки:

а) ҳамаи ҳуҷҷатҳои вобаста ба иҷрои назорати асъорро тафтиш намоянд, оид ба масъалаҳое, ки ҳангоми тафтишҳо ба миён меоянд, баёнот, справка ва маълумот гиранд, инчунин ҳуҷҷатҳоеро, ки аз хилофкориҳо дар соҳаи қонуни асъор шаҳодат медиҳанд, мусодира кунанд;

б) ҳангоми пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дар зербанди "а" ҳамин модда зикрёфта, тибқи тартиби бо қонун муқарраршуда амалиётҳоро аз рӯи ҳисобҳое, ки дар бонкҳои ваколатдор мавҷуданд, боздоранд; (Қонун №43 аз 10.05.02 с.)

в) амали резидентҳоро боздоранд ё резидентҳоро, ба шумули бонкҳои ваколатдор, инчунин ғарирезидентҳоро аз иҷозатномаҳо барои ҳуқуқи иҷрои амалиёти асъорӣ маҳрум созанд; (Қонун №43 аз 10.05.02 с.)

г) ваколатҳои дигареро, ки бо Қонун пешбинӣ шудаанд, анҷом диҳанд.

2. Мақомот ва намояндаҳои назорати асъор ва шахсони мансабдори онҳо бояд сирри тиҷоратии резидентҳо ва ғайрирезидентҳоро, ки ҳангоми иҷрои вазифаи назорати асъор барояшон маълум гардидааст, пӯшида нигоҳ доранд.

3. Мақомоти назорати асъор ва шахсони мансабдори онҳо дар сурати бояду шояд иҷро накардани вазифаҳояшон ба тартибе, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардаанд, ба ҷавобгарӣ кашида шуда метавонанд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Э. РАҲМОНОВ**

ш. Душанбе,
4 ноябри соли 1995
№ 112